# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм" аз рӯи ихтисоси 09.00.03. - таърихи фалсафа.

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Р. З. (09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов С. Х. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо.
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Қодиров К. Б. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;

Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм" яке аз масъалаҳои калидии таърихи фалсафа ба ҳисоб рафта, аз замонҳои қадим то ба имрӯз таваҷҷуҳи мутафаккирону донишмандони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Аммо меъёрҳои таснифоти он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вижагиҳои ба худ хосро касб карда, бо тарзу усулҳои гуногун тасниф шудааст, ки имрӯз муҳаққиқон барои мушаххас кардани самту равияҳои илмӣ дучори мушкилот гаштаанд. Аз ин рӯ, баррасӣ ва роҳҳои ҳалли ин мушкилот ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои инкишофи илм ва афкори фалсафӣ мубрам ва муҳим будани таҳқиқотро мушаххас менамояд.

Муҳим ва посухгӯйи ниёзҳо ва талаботи замони муосир будани мавзӯи таснифоти илмҳо дар таълимоти файласуфони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла машшоиёни шарқ, дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ва миллии мо дар он аст, ки таснифоти илм файласуфони асримиёнагии тоҷик, махсусан машшоиёни шарқӣ, муқоисаи байни илмҳои гуногунро пеш аз ҳама дар асоси усулҳои мантиқӣ таҳлилу баррасӣ кардаанд, ки то ба имрӯз ин меъёр дар методологияи пажӯҳишҳои илмӣ мавриди истифода мебошад.

Мактаби машшоияи шарқӣ дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ва махсусан дар таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик аввалин таълимотест, ки бевосита дар масъалаи таснифи илмҳо як қатор таҳқиқот

анҷом додаанд. Ин таснифоти илм то асри XX дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна манбаи асосии таснифи илмҳо буд, ки 15 шарҳ ба онҳо навишта шудааст.

Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино, ки намояндагони барҷастаи ин мактаби фалсафии асримиёнагӣ мебошанд, дар таърихи афкори фалсафии асрҳои миёна дар марҳалаҳои гуногуни эҷодиёташон тарзҳои мухталифи таснифоти илмҳои ақлиро пешниҳод кардааст. Ин таснифоти илм бо ҳамлаҳову зиддиятҳое, ки аз тарафи Муҳаммад Ғазолӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ, Фахриддини Розӣ ва дигарон сурат гирифт, парешон нагардид, балки баръакс таъсири худро дар таснифи илмҳои динии аз тарафи онҳо пешниҳодшуда гузошт.

Таҳқиқу пажӯҳиши таснифоти илм ба муҳққиқони асрҳои миёна замина фароҳам овард, то ба дарки ҳамаҷонибаи илмҳои асримиёнагӣ даст ёфта, аз раванди ташаккули илмҳо бархурдор гарданд.

Таснифоти илмҳои асримиёнагии тоҷик дар эҳёи Аврупо аз роҳи тарҷимаю таҳқиқи шарқшиносон ба таснифоти илмҳои муосир дар фарҳанги онҳо таъсири худро гузошт. Ин падида дар ҳамгироии илмҳои муосири ҷаҳонӣ нақши арзанда дорад.

Пажӯҳиши масъалаи таснифоти илм дар шинохти илмҳои асримиёнагии тоҷик бозгукунандаи мавҷудияти ақидаҳои гуногун (плюрализм) дар асрҳои миёна мебошад. Ҷомеаи муосири исломӣ бояд гуфтугӯ ва баҳамназдикшавии мусолиматомези фарҳангҳои Шарқу Ғарбро, ки дар осори мутафаккирони машшоияи шарқӣ баён гардида, раванди фаҳмиши муътадили исломро ташаккул дода буд, пайгирӣ намоянд.

Дар диссертатсия нисбати омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва мақоми он дар таснифоти муосири илм сарчашмаҳо ва адабиёти зиёди илмӣ омӯхта ва вобаста ба вижагирӣ мавриди муқоиса ва таҳлил қарор гирифтаанд. Бахусус, асарҳои арзишманди мутафаккирони шинохтаи машшоияи шарқӣ - «Эҳсо ал-улум» - и Абунасри Форобӣ; “Донишнома” ва “Рисолаи ақсоми улуми ақлия”- и Абӯалӣ Ибни Сино ва асарҳои бунёдии илмии “Табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ» - и Саид Муҳаммади Содиқи Саҷҷодӣ; “Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ” - и Забеҳулло Сафо; “Классификация наук”-и Б.М Кедров, “Натурфилософия Ибн Сины”-и М.Диноршоев, “Философия крестьтянского бунта”-и Х. Додихудоев, “Введение в антропологию”-и М.Муҳаммад Алӣ, “Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке”-и Н.С. Саидов, “Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ”-и Шамолов А.А., “Мухаммад Ал-Газзали и его отношение к

философии”-и З.М. Диноршоева, “Социальная философия “Иван ас- Сафа” и Насира Хусрава” (сравнительный анализ) -и Р.З. Назариев ва ғайра барои муайян кардани аслияти илмии тадқиқот фаровон истифода бурда шуданд.

Таҳқиқоти мазкур мувофиқи нақшаи дурнамои илмии шӯъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мавзӯи “Таҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик аз асрҳои миёна, то асри XX”иҷро гардидааст.

Дар диссертатсия навгониҳо барои ҳимоя ба таври мушаххас пешниҳод карда шудааст:

- раванди пажӯҳиш ошкор кард, ки сарфи назар аз он, ки нахустин бор пайдоиши мактаб ва маводҳои таълимӣ, китобу дастурҳои фардӣ (монография) дар мавзӯъҳои мухталиф дар замони Афлотун ва Арасту навишта шуданд, аммо машшоиёни шарқӣ бори нахуст китоби алоҳидае бо номи “Иҳсо ал-улум” ва рисолаҳои мустақиле мисли “Тақсими улуми ақлӣ”дар ин замина ба вуҷуд оварданд;

- зимни таҳқиқи осори фарҳангии Эрони бостон, ки омехтаи устура ва таърих аст, аввалин бор ташккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст, ки мафҳуму категорияҳо ва табақабандии илмҳо дар заминаи категорияҳои ахлоқӣ ва эҳтиёҷоти амалии инсон ташаккул ёфтаанд. Ин мафҳумҳо ва масъалаҳо бозгӯкунандаи шинохти олам, камолоти инсонианд, ки минбаъд асоси илмҳои диншиносӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносию равоншиносӣ гаштанд;

- таҳқиқот муайян кард, ки бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд, яъне бо таъсири фарҳанги исломӣ, юнонию эронӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми нақлию каломӣ;

- пажӯҳиш нишон медиҳад, ки бори аввал мақоми таснифоти илмҳои фалсафаи машшоия дар таснифоти муосири илмҳо нишон дода шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада, хулосаю тавсияҳои пешниҳодшударо минбаъд метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои назарии осори илмии мутафаккирони бузурги тоҷику форс ва дар таълифи асарҳои илмию фалсафӣ, ба хусус, ҳангоми таҳияи таърихи фалсафаи илм, методологияи

илмӣ истифода бурд. Бозёфтаҳову хулосаҳои тадқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии мактаби машшоияи шарқӣ дар таснифи илмҳо муайян карда шавад.

**Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва мақоми он дар таснифоти муосири илм” ба рамзи ихтисоси таърихи фалсафа мувофиқат карда, яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад.

2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар 16 мақолаҳои илмии ӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, инчунин дар ду монографияи муҳаққиқ дарҷ ёфтаанд.

4. Дар рисола натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Олимов К. – академик, доктори илмҳои фалсафа, профессор;
- Сайфуллоев Н.М. - доктори илмҳои фалсафа, профессор;
- Самиев Б.Ҷ. - доктори илмҳои фалсафа, профессор;

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Назариев Р.З.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Раҳимов С.Х.
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Қодиров К.Б.